# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09.06.2023, №16**

Барои сазовор донистани Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 31-уми марти соли 2023 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №27-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич соли 2002 ба факултети молия ва қарзи Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон), ба ихтисоси умури бонкӣ дохил шуда, соли 2007 Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистонро (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) хатм намудааст.

Аз соли 2008 то ба ҳол дар вазифаҳои зерин фаъолият намудааст:

- солҳои 2008-2016 – коршиноси қарзи соҳаи кишоварзии хизматрасонии бонки “Агроинвестбонк” дар ноҳияи Фархор;
- аз 2017 то 2022 – ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
- аз сентябри соли 2022 то ҳол дар вазифаи эдвайзер дар самти таълими шуъбаи таҳсилоти фосилавии факултети молия ва қарзи ДДМИТ кор карда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич – «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳ аз 27-уми феврали соли соли 2018, суратҷаласаи № 8/6,7 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муқарризони расмӣ:**

**Султонов Зубайдулло Султонович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, роҳбари бахши магистратураи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич –** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров Қурбонова Ф.А. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи кори бонкии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров (протоколи №9 аз 27.04.2023) баррасӣ ва муҳокима карда шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода А.И. тасдиқ гардидааст, хулосаи мусбат додааст. Дар тақриз хулоса баровarда шудааст, ки диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 7 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад:

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Нуров М.Р. Мушкилоти низоми бонкӣ ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муосир [Матн]/ Н.М.Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. № 10-2. С. 282-286.

[2-М]. Нуров М.Р. Механизмҳои устуворӣ ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ Т.Т. Муслихова, М.Р. Нуров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2020. № 4 (24). С. 58-67.

[3-М]. Нуров М.Р. Таҳлили тамоюли рушди нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳои бозоргирӣ [Матн]/ М.Р. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 7. С. 161-167.

[4-М]. Нуров М.Р. Хавфҳои вобаста ва тартиби танзими он дар низоми бонкии кишвар [Матн]/ М.Р. Нуров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2022. № 1 (30). С. 219-227.

[5-М]. Нуров М.Р. Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкии ҷумҳурии тоҷикистон ва муаммоҳои он [Матн]/ Ш.Қ.Хайрзода, М.Р. Нуров // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. – 2022. - № 4. - С. 115-122.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Нуров М.Р. Фаъолияти инвеститисонии бонкҳо дар бозори қоғазҳои қиматнок [Матн] / М.Р. Нуров, М. Толибов // Тоҷикистон ва бозори ҷаҳонии қоғазҳои қиматнок: замина ва имкониятҳои иштирок. Маводҳои конференсияи идмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. 24.02.2018с. Душанбе. -С.74-76.

[7-М]. Нуров М.Р. Гуногунрангсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун омили таъмини устувории мутобиқшаванда [Матн]/ М.Р. // маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди низоми бонкии Ҷкмҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳали он”, (11-уми марти 2023) – Душанбе, 2023. – С. 161-162.

**Ба диссертатсия ва автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шуданд:**

1. **Уроқова К.-** номзади илмҳои иқтисод, сардори шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкии БМТ бо чунин эрод:

- Механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон бояд бо таҷрибаи ягон давлати пешрафтаи низоми бонкиаш ба низоми бонкии Тоҷикистон монанд аниқ муқоиса карда мешуд.

2. **Комилов Низомиддин Бегаҳмадович** -н.и.и., мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бо чунин эродҳо:

- Дар шароити имрӯза устуворӣ ва суботи бонкӣ масъалаи васеъ буда, хуб мешуд агар унвонҷӯ роҳҳои расидан ба онро аз нуқтаи назари микроиқтисод дар сатҳи ҳар як бонкҳои тиҷоратӣ дар алоҳидагӣ дида мебаромад;

- Вобастагии устувории бонкиро аз суботи бонкӣ дар сатҳи низоми бонкӣ бояд таҳқиқ менамуд.

3. **Самандарзода Искандар Ҳусейн** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

- Дар автореферат вобаста ба мушкилотҳои имрӯзаи низоми бонкӣ ва нигаҳдории устувории он дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд.

- Таъмини устувории бонкӣ аз суботи бонкиро дар сатҳи низоми бонкӣ дар алоҳидагӣ бояд таҳқиқ менамуд.

4. **Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷӯрабоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Вобастагии устувории бонк аз нишондиҳандаҳо сандуқи қарзии низоми бонкӣ, механизмҳои асосии паст кардани сатҳи хавфҳои бонкӣ ва дар заминаи ин беҳтар гардонидани сифати сандуқи қарзӣ бояд ба пуррагӣ дида баромада мешуд;

-Нақши ташкилотҳои қарзии низомсоз дар ташаккули низоми бонкӣ ва суботу устувории он дида баромада мешуд;

- Роҳҳои муайян намудани устувории бонк бо истифода аз методи баҳодиҳии CAMEL ва дигар нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти бонкӣ таҳқиқ карда мешуд.

**5. Раҳимзода М.И.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Муайян намудани ҳиссаи қарзҳои қолабӣ ва ғайриқолабӣ ва таъсири он ба устувории бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда мешуд;

- Афзоиши сатҳи нокифояи захираҳои пулии низоми бонкӣ бо таъсири шиддатноки омилҳои берунӣ, ки ба таври возеҳ муайян менамуд;

- Хуб мешуд агар унвонҷӯ ҷадвалҳои боби дуюмро пурратар шарҳ медод ва таъсири нишондиҳандаҳоро ба устувории бонк дақиқтар муайян мекард.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва дар онҳо қайд шудааст, ки эродҳои зикргардида арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** муаллиф оид ба заминаҳои бавуҷудоӣ, зарурият ва аҳамият, таъмини роҳҳои фаъолгардониии бахши бонкӣ, назарияҳои асосии олимони соҳа, ки ҷараёни ташкили низоми бонкиро боназардошти хусусиятҳои асосӣ ва мундариҷаи густариши низоми бонкӣ дар давраи тағйирёбии сохтори сиёсии давлат ифода намуда, тавсифи бонкҳои тиҷоратиро вобаста ба зарурати иқтисодии онҳо дар бар мегирад, пешниҳод шудааст;

- ***методологияи*** баҳодиҳии сатҳи хавфҳои қарзӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои мушаххаси низоми бонкӣ илман асоснок карда шуда, механизмҳои устувории низоми бонкӣ, ки бо роҳи гуногунрангсозии фаъолияти бонкҳо, муайян намудани рушди нишондиҳандаҳо ба даст меояд, ошкор гардидаанд;

- ***фарзияи*** асили илмӣ пешниҳод шудааст, ки дарёфти имкониятҳои васеи сармоягузории бонкҳо, ташкили дуруст ва самараноки гардиши пули нақд ва ғайринақдӣ метавонанд ба такмили механизми устувории низоми

бонкии кишвар дар шароити тағйирёбандагии нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ ва бо ҳамин васила ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши равандҳои такрористеҳсол, ҳосилнокии меҳнат ва рушди иҷтимоии кишвар мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***самтҳои*** асосии такмили низоми ташкил ва танзими бозори хизматрасониҳои бонкӣ асоснок карда шудааст, ки дар он такмили механизмҳои имконпазир ва амиқ санҷидашудаи рушди низоми бонкӣ дар шароити муосир коркард шудааст. Ҳамчунин, дар сатҳи низоми бонкӣ ҷиҳати ба даст овардани эътимоди аҳолӣ вобаста ба тақсими ҳиссаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳодҳои илман асоснок манзур гардидааст ва муаллиф роҳҳои дар амал дуруст ҷорӣ намудани таклифу пешниҳодҳои илман асоснокро дар шакли пурра манзур намудааст;

- ***методикаи*** муайян кардани устувории низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳои пардохтпазирӣ ва тавсифи равандҳои арзёбии омилҳои алоҳидаи устуворӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ таҳқиқ шуда, таъмини устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи нақшаи муайяни гуногунрангсозӣ бо дурнамои рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ пешниҳод гардидааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок,**

- ***тавзеҳи*** такмилёфтаи категорияҳои иқтисодии "низоми бонкӣ", "устувории бонкҳо" пешниҳод шудааст;

- ***даврабандии*** рушди низоми бонкӣ вобаста ба падидаҳои бавуҷудомада дар асоси марҳилаҳои тайкардаи низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст;

- ***иқтидори*** қарздиҳии низоми бонкӣ ва муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта бо назардошти таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ дар шароити доимотағйирёбандаи иқтисодиёти имрӯза муайян шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ ҳамаи он масъалаҳое, ки дар самти такмили механизми устувории низоми бонкӣ зарурӣ мебошанд, таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ таъмин гардидаанд мавриди таҳқиқӣ ҳаматарафа қарор додааст.

- ҳамчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз мукаммалгардонии сиёсати қарзии бонкҳо бо назардошти сифат ва сохтори хатти қарзӣ дар давраҳои тӯлонии истеҳсолот таҳқиқ гардида, вобаста ба сатҳи хавфҳои қарзӣ ва сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ таҳлил шуда, дар доираи ин такмили босифати хизматрасонии қарзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

- ***асосҳои*** назариявӣ ва методии мушкилоти низоми бонкӣ, осебпазирии онҳо, як қатор масъалаҳои методӣ вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳо, ки дар маҷмуъ ба таъмини устувории низоми бонкӣ мусоидат мекунанд, як қатор мафҳумҳое, ки ҳамбастагии таъсиррасонӣ байни якдигар доранд, ба таври назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар сатҳи зарурӣ

вобаста ба таҳлилҳо ва натиҷаҳои бадастомада такмили самтҳои минбаъдаи фаъолияти бонкӣ боназардошти рушди онҳо, ки ба гуногунрангсозии амалиётҳо вобаста мебошад, таҳлил гардидааст;

*-механизмҳои* устуворӣ ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва модели рушди он дар шароити буҳрони молиявӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои такмили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номувозинатии иқтисодиёт пешниҳод шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

-тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва асоснокунии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 7 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, **нашр гардидаанд**;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2015-2021 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф **маърӯза гардиданд**.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 09.06.2023 қарори сазовор донистани Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ҳузур доштанд. Аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф -нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**09 июни соли 2023**